КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-54, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 5367/13.2 аз «19» 04 соли 2017

Ба №________ аз «____»__________ соли 20___

Мақомоти ҳудудии андоз

«Оид ба андоз аз даромад
ва андози иҷтимоӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо огоҳ менамояд, ки новобаста аз таъкидҳои пай дар пай ҷиҳати дар эъломияҳои андоз дуруст (пурра) нишон додани шумораи аслии коргарони кироя, ба расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ, пурра нишон додани музди меҳнат, давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат (аз он ҷумла, вобаста ба беқурбшавии пули миллӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон ба музди меҳнати кормандони кироя) ва тақвият бахшидан ба саривакт ҷамъоварӣ намудани андози иҷтимоӣ, назорати иҷрои қонунгузории андоз дар мавриди истифода аз меҳнати кироя дар мақомоти ҳудудии андоз ғайриқаноатбахш аст.

Таҳлили Махзани маълумотҳо ва натиҷаҳои корҳои назоратии дар ин самт анҷомдодашуда нишон дод, ки дар шаҳру ноҳияҳо шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо дар соли 2016 ва 3 моҳи соли 2017 нисбат ба ҳамин давраи солҳои гузашта кам гардида ё бетағйир боқӣ монда, субъектҳои фаъолияти соҳибкории алоҳида бо мақсади канораҷӯи аз андозбандӣ музди меҳнатро ба кормандони кироя ғайрирасмӣ пардохт менамоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ тибқи талаботи қисми 5 моддаи 28 Кодекси андоз ба масъалаҳои дар эъломияҳои андоз пурра нишон додани шумораи кормандони кироя дар фаъолияти андозсупорандагон, воқеан нишон додани музди меҳнати кормандони кироя ва риоя намудани музди меҳнати номиналии омории миёнаи моҳонаи коргарони кироя дар шаҳру ноҳияҳо дар аксар мавриД умуман, ба инобат гирифта нашудааст.

Инчунин, гарчанде ҳолатҳои истифодаи ғайрирасмии меҳнати кироя дар ширкатҳо ва фаъолияти соҳибкорони инфиродии шаҳру ноҳияҳо назаррас буда, дар баробари ин дар фаъолияти андозсупорандагон бақияи қарзи андози иҷтимоӣ ҷой дошта бошанд ҳам, аммо аз ҷониби

мақомоти ҳудудии андоз талаботи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пурра риоя карда намешавад.

Бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи Шаҳодатнома фаъолияткунанда, ҳадди ниҳоии андози иҷтимоии моҳона 118 сомонӣ (бе назардошти коэфиссиенти минтақавӣ) муқаррар гардид, аммо шумораи зиёди соҳибкорон эъломияҳои моҳонаи андози иҷтимоиро (гӯё фаъолият надошта) ба таври сифрӣ пешниҳод карда, дар баробари ин даромади умумии худро дидаю дониста дар эъломияҳои андоз бо мақсади кам ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ мутаносибан кам нишон дода истодаанд.

Ҳолатҳои бо баҳонаи фаъолият надоштан дар эъломияҳои андоз ҳисоб накардани андози даромад ва андози иҷтимоӣ давра ба давра зиёд шуда истода, андозсупорандагон дар эъломияҳои андоз шумораи кормандони кироя воқеан истифодашавандаи худро пурра нишон надода истодаанд.

Пардохти музди меҳнатро қисми 2 моддаи 19 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун уҳдадории корфармо муқаррар намуда, моддаи 157 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми бекористӣ, ки бо айби корманд сар назадааст, музди миёнаи моҳонаи ӯ бояд ҳатман пардохт карда шавад.

Ҳангоми қабули эъломияҳон андоз нозирони мутассадӣ бемасъулиятӣ нишон дода, ба асоснокии маълумотҳои дар эъломияи ягонаи андози даромад ва андози иҷтимоӣ оид ба шумораи кормандон, фонди музди меҳнат дарҷшаванда диққат намедиҳанд. Бо истифода аз маълумотҳои оморӣ, мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти андозсупоранда назорати камералии эъломияи ягонаи андози даромад ва андози иҷтимоиро намегузаронанд. Ҳолатҳои аз ҳадди ақали музди меҳнат дар ҳисоботҳо кам дарҷ гардидани музди меҳнат низ назаррас аст.

Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.06.2016, №697 аз 1 июли соли 2016 андозаи хадди ақали музди меҳнат дар ҳама соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ 400 сомонӣ муқаррар гардидааст, аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба корманди кироя худ ҳадди ақали музди меҳнатро пардохт намояд. Музди меҳнат бояд воқеъона ва бо назардошти шароити имрӯзаи бозорӣ муайян карда шавад.

Ҳамзамон, тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя **аз рӯи соҳаи фаъолият** ба ҳисоби миёна дар соли 2016 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ андозаҳои зеринро ташкил додааст:

- дар бахши саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ ва коркарди конҳо – 2113,0 сомонӣ;
- дар соҳаи сохтмон – 2149,0 сомонӣ;
- дар соҳаи нерӯи барқ, газ ва таъминоти об – 1304,0 сомонӣ;
- дар соҳаи фаъолияти миёнаравиҳои молиявӣ, суғурта, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ – 2514,0 сомонӣ;
- дар соҳаи нақлиёт ва алоқа – 2093,0 сомонӣ;
- дар соҳаи фаъолияти меҳмонхона ва тарабхонаҳо – 1215,0 сомонӣ;

- дар соҳаи савдои яклухт ва чакана – 949,0 сомонӣ;

- дар соҳаи таъмири автомобилҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ –800,0 сомонӣ;

- оид ба фаъолият дар ташкилоту мақомотҳои хориҷии дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолиятдошта – 5135,0 сомонӣ;

- фаъолият дар соҳаи ташкили истироҳат ва вақтхушӣ, фарҳанг ва варзиш – 903,0 сомонӣ;

- фаъолият дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ – 800,0 сомонӣ;

- дигар хизматрасониҳо дар соҳаи комуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ – 1032,0 сомонӣ;

**Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор мебошанд, ки ҳангоми қабули эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоии андозсупорандагон ба нишондиҳандаҳои музди меҳнати миёнаи оморӣ дар ҷумҳурӣ аз рӯи соҳаи фаъолият аҳамият дода, дар соли 2017 барои на камтар аз андозаҳои мазкур ҳисоб намудани андози даромад ва андози иҷтимоӣ чораҷӯӣ намоянд.**

Ҳамзамон, талаботҳои қайдгардида, ба истисноии андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, ки бо фармоишҳои дахлдор муқаррар мегарданд, ба субъектҳои зерин, ки бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ таъсис дода нашудаанд, **татбиқ намегардад (танҳо дар қисмати фаъолияти ғайрисоҳибкориашон):**

- нисбати ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва эҳсонкорӣ, ки мақсади асосии онҳо гирифтани фоида намебошад;

- нисбати кормандони ёрирасон (котиба, посбонҳо, ронандагон, фаррошон, боғбон), ки натиҷаи кори онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ таъсири назаррас надорад;

- нисбати субъектҳои хоҷагидорие, ки муваққатан фаъолият наменамоянд (ба истисноии роҳбар ё сармуҳосиб);

- нисбат ба кормандони ташкилотҳое, ки басти пурра кор намекунанд (аз ҷумла, нафақахӯрон ва донишҷӯён);

- нисбат ба кормандони шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо мавсимӣ мебошад, дар давраи ғайримавсимӣ (ба истисноии корхонаҳои кишоварзӣ).

Инчунин, бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷамъоварии андози иҷтимоӣ, талаботҳои зеринро ҳатман риоя намоянд:

- барои назорати ҳисоби музди меҳнати кормандони кироя, тибқи талаботи моддаи 54 Кодекси андоз, дар баробари эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, тибқи шакл ва мӯҳлати муқарраргардида маълумотнома «Оид ба маблағҳои даромад ва андозҳои дар манбаи пардохт ситонидашуда» талаб намоянд;

- номутобиқатии маълумотҳои дар эъломияҳои ягонаи андози даромад ва андози иҷтимоӣ ҷойдоштаро, бо роҳи анҷом додани назорати камералии эъломияҳои андоз дар муқоиса бо талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №697 аз 06.06.2016, маълумотҳои оморӣ, мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои фаъолияти андозсупоранда, бартараф намоянд;

- тибқи тартиби муқаррargардида санҷишҳои амалиётӣ гузаронанд;
- ҳангоми гузаронидани санҷишҳои мавзӯӣ ва маҷмӯии андозҳо ба ҳисобу пардохти андози иҷтимоӣ, алалхусус ба шумораи кормандон, фонди музди меҳнат ва музди меҳнати миёна дар муқоиса бо соҳаҳо диққати ҷиддӣ диҳанд;
- мониторинги музди меҳнатро (корфармоён, шумораи кормандони кироя, фонди музди меҳнат ва ғайра) ташкил намоянд;
- мунтазам таносуби тағйирёбии шумораи коргарон ва ҳаҷми музди меҳнати онҳо, инъикоси дурусти ин нишондиҳандаҳо дар ҳисобдории муҳосибавии корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродиро назорат намуда, барои давра ба давра баланд бардоштани музди меҳнат ва зиёд намудани шумораи кормандони кироя чораҷӯӣ намоянд;
- нисбати роҳбарони ширкатҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки ғайрирасмӣ меҳнати кирояро истифода менамоянд ва музди меҳнат, шумораи кормандони кирояро дар ҳисоботҳои андоз пурра нишон намедиҳанд мутобиқ ба талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чораҷӯи намоянд;
- барои барҳам додани бақияпулиҳои андози иҷтимоӣ, дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳои қатъӣ андешанд;
- барои саривақт напардохтани андози иҷтимоӣ ва пешниҳод нака рдани эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимои мунтазам протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо истифодаи муқаррароти моддаҳои 620, 621 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб диҳанд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки барои дарёфт намудани манбаъҳои иловагии андози иҷтимоӣ талаботҳои қайдгардидаро риоя намуда, назорати риояи қонунгузории андозро дар ин самт дуруст ба роҳ монанд.

Ҳамзамон, ба сардорони мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки мактуби дастурии мазкурро дар ҷаласаи васеи кормандони худ мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода, тамоми кормандонро ба мактуби зикргардида шинос карда, нусхаи протоколро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд **ва ҳар моҳ аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар самти дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ то санаи 15 моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ ба Кумитаи андоз** маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Раис Н.Давлатзода